«Тасдиқ менамоям»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Хушвахтзода Қ. Х.

«12» ноябри 2020 с.

ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ

Таҳқиқоти диссертатсионии Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич ба масъалаи муҳими омода намудани омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти созмондеҳӣ бахшида шудааст, ки он яке аз самтҳои афзалиятноки низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар шароити имрӯзаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ муаммоҳои худташкилкунии шахсият аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Ҳалли ин муаммо ба омилҳои зиёд, пеш аз ҳама, ба сатҳи ташаккулёбии қобилияти созмондеҳии шахсият ҳамчун фаъолияти ӯ оид ба худсозмондеҳӣ пайвастагӣ дорад.

Маҳз зимни кор бо хонандагон идоракунии раванди ташаккули шахсияти онҳо фаъолияти касбии психологию педагогии мураббӣ гардида, бешак, омодагии махсусро тақозо менамояд. Яке аз ҷанбаҳои муҳими чунин омодагӣ ба донишҷӯён-омӯзгорони оянда омӯзонидани идоракунии фаъолияти созмондеҳии мактаббачагон, таълим додани асосҳои психологию педагогии ин фаъолият мебошад. Вобаста ба ин, дар фаъолияти мактабҳои олии ҷумҳурӣ масъалаи омода намудани омӯзгорони

оянда ба фаъолияти созмондеҳӣ аҳамияти махсусро соҳиб мегардад.

Дар мубрам будани таҳқиқоти диссертатсионии Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич ягон шубҳае нест, зеро онро, якум, зарурати рушди қобилият ва салоҳиятнокии созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳамчун омили муҳиму мураккаб дар фаъолияти касбӣ муайян мекунад. Дуввум, интихоби мавзӯи таҳқиқотро нокифоя будани сатҳи омӯзиш ва коркарди илмии масъалаи ташаккули қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок менамояд.

Омӯзиш ва таҳлили фаъолияти омӯзгорон нишон доданд, ки ба аксари онҳо омодагии сусти назариявӣ, ба андозаи матлуб инкишофноёфта будани сифатҳои барои касб муҳими шахсият, ташаккули нокифояи маҳорати умумипедагогии созмондеҳӣ, бартарии қолабгароӣ дар ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ, маҳорати кофӣ надоштан дар таҳлили вазъияти педагогӣ аз мавқеи хонанда ва қабули қарор ба фоидаи ӯ, мавқеи ғайрифаъолонаи педагогӣ, мавҷуд набудани эҳтиёҷ ба худтарбиякунӣ, муносибати бемасъулият ба меҳнати педагогӣ хос мебошанд.

Дар каринаи муаммои баррасишаванда аз ҷониби Мамадҷонов С.Ҳ. мавзуи хеле муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб шудааст, ки ҳадафи он чунин муайян мегардад: аз лиҳози назариявӣ асоснок намудан ва коркарди амалии технологияе, ки баҳри баланд бардоштани самарабахшии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ва тариқи озмоиш санҷидани самаранокии шароити педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ.

Иштироки мушаххаси муаллиф дар ҳосил кардани натиҷаҳо.

Иштироки шахсии муаллиф дар нуқтаҳои зерин ифода меёбад:

1. Матлабҳои консептуалии дидгоҳи шахсиятию фаъолиятӣ нисбат ба рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ва омода намудани онҳо ба фаъолияти педагогӣ коркард шудаанд.

2. Масъалаи омодагии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти созмондеҳӣ ва рушди қобилияти созмондеҳии он дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

3. Моҳият ва сохтори қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ муайян гардида, мундариҷаи онхо баррасӣ гардидаанд.

4. Модели рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ коркард шудааст.

5. Омилҳо ва шартҳое, ки ба самаранокии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ таъсир мерасонанд, ошкор гардидаанд.

6. Душвориҳо ва мушкилоте, ки зимни ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба миён меоянд, муқаррар шудаанд.

7. Дар рафти кори озмоишию таҷрибавӣ самарабахшии маҷмӯи шартҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ санчида шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот, натичаҳои ба даст омада, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд.

Навгонии тадқиқот аз нуқтаҳои зерин иборат аст:

– мундариҷаи фаъолияти умумии созмондеҳӣ бо назардошти донишҳои муосири илмӣ аниқ гардидааст;

– асосҳои методологии омӯзиши фаъолияти созмондеҳӣ муайян шудааст, аввалин бор худдастурдиҳӣ, интиқоли фикрию эҳсосӣ, худмақсадгузорӣ ҳамчун ҷузъҳои фаъолияти умумии созмондеҳӣ, инчунин қобилияти хусусии созмондеҳӣ баррасӣ гардиданд;

– ошкор сохта шудааст, ки дар хатмкунандагони донишгоҳ аҳамияти иҷтимоӣ ва шахсии қобилияти созмондеҳӣ бо навъи фаъолияти касбии онҳо дар доираи ихтисоси гирифтаашон муайян мегардад;

– шароити педагогии рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯён муайян ва асоснок шуда, методикаи татбиқи онҳо дар раванди

таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна коркард шудааст;

– таъсири мустақими фанҳои омӯхташавандаи психологию педагогӣ, хусусиятҳои протсессуалии фаъолияти таълимию педагогӣ ба раванди фаъолияти созмондеҳӣ дарёфт гардидааст;

– шаклҳо ва методҳои мушаххаси худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии донишҷӯён коркард шудааст;

– курси махсус ва барномаи «Асосҳои педагогии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» коркард шуда ва дар амалияи фаъолияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна татбиқ шудааст.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар он аст, ки маводи диссертатсияро дар фаъолияти касбии омӯзгорони мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, маъмурияти мактабҳо ҷорӣ намудан мумкин аст:

– барномаи таҷрибаомӯзии омӯзгории имкониятҳои ташкили фаъолияти назариявию амалӣ дошта оид ба рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ таҳия гардида аз санҷиш гузаронида шудааст;

– технологияи роҳбарӣ ба худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ каркард карда шудааст;

– методикаи ташхиси сатҳи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия гардида аз санҷиш гузаронида шудааст;

– барнома, барномаи корӣ ва маводҳои методӣ оид ба омӯзиши курси махсуси «Асосҳои педагогии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» таҳия гардида аз санҷиш гузаронида шудааст.

Дараҷаи боэътимодии натиҷаи таҳқиқоти анҷомёфта.

Он бо возеҳу дақиқ будани матлабҳои ибтидоии методологӣ ва назариявӣ; таҳлил ва ба ҳисоб гирифтани вазъи масъалаи таҳқиқшаванда

дар назария ва амалияи педагогӣ; консепсияи миллии ташхиси педагогӣ; такя ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии тадқиқот; таҳлили шароит ва натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ; тасдиқи матлабҳое, ки дар фарзия ифода ёфтаанд ва ғояҳои пешбари таҳқиқот; ҳамбастагии маҷмӯи методҳое, ки ба вазифаҳои ҳар як марҳалаи таҳқиқот мувофиқанд; таҷрибаи шахсии кори муаллиф ба сифати педагог ва боэътимодии натиҷаҳои хосилшуда таъмин гардидааст.

Таҳқиқоти илмии анчомёфтаро ҳамчун коркарди аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ки ҳалли масъалаҳои муҳимро дар соҳаи илми педагогӣ таъмин мекунанд, тавсиф намудан мумкин аст. Рафти таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаррифӣ гардиданд, асоснок мебошанд.

Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.

Таҳқиқоти диссертатсионии Мамадҷонов С.Ҳ. бо мукаммалӣ ва баёни консептуалии мавод имтиёз дошта, дорои низоми дақиқ муқарраршудаи мафҳумҳои махсус мебошад, ки бо самарабахшии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди ташкили таҷрибаомӯзиии педагогӣ алокаманданд.

Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ҳосилшуда дорои ягонагии дохилӣ буда, ба ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди омӯзиши фанҳои сикли психологию педагогӣ ва таҷрибаомӯзии педагогӣ нигаронида шудаанд.

Ягонагии дохилӣ ва самтгирии натиҷаҳои хосилшуда барои халлу коркарди масъалаи таҳқиқшаванда бо сохти дақиқи дастгоҳи илмӣ, пайдарпаӣ ва мантиқи дохилии иҷрои марҳалаҳои кор, ҳамчунин бо маҷмуи методҳои таҳқиқоти илмии педагогӣ, ки муаллиф дар зинаҳои гуногуни таҳқиқот истифода намудааст, таъмин мегардад.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ, дар маҷмӯъ.

Бо вуҷуди дастовардҳои дар боло зикршуда, диссертант ба якчанд норасоиҳо роҳ додааст:

1. Зимни муайян намудани ихтилофҳои мавҷудае, асоси муамморо

ташкил медиҳад, зарур буд, ки онҳо ба таври мушахасс эзоҳ дода шаванд.

2. Дар матни диссертатсия миқдори зиёди ҷадвалҳо оварда шудааст, хуб мешуд, ки маводи онҳоро мувофиқи моҳияти далелҳои баррасӣ гардида якҷоя карда шуда, хулосаҳои умумӣ бароварда шавад.

3. Дар матни диссертатсия хатоҳои услубӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ҳамчунин дар тарроҳии техникии кори диссертатсионӣ хатоҳои ҷузъӣ дида мешаванд.

4. Дар мураттабсозии феҳристи адабиётҳо ба мусоҳилакорӣ роҳ дода шуда, баъзе аломатҳои китобатӣ ба таври пурра гузошта нашудааст.

Норасоиҳои зикршуда арзиши таҳқиқотро кам намекунанд ва ба натиҷаҳои асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Тасдиқи пуррагии кофии интишори нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосаҳои диссертатсия.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот аз санҷиши зарурӣ гузашта, дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байнидонишгоҳӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо муҳокимаву баррасӣ гардида, дар 16 интишорот, аз чумла, 4 мақола дар нашрияҳое, ки ба феҳристи маҷаллаву нашрияҳои аз ҷониби КОА-и ҶТ тавсияшаванда дохиланд, инъикос ёфтаанд. Ин баёнгари камолоти илмии диссертант мебошад.

Дар мачмуъ, дар кори диссертатсионии Мамадҷонов С.Ҳ. халли масъалаи муҳими илмӣ, ки ба рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанҳои сикли психологию педагогӣ ва ҳангоми таҷрибаомӯзии педагогӣ нигаронида шудааст, анҷом ёфтааст. Маводи аз ҷониби муаллиф коркардшуда метавонанд барои рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯён мутобиқ истифода гарданд. Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар раванди такмили омодагии кадрҳои педагогии

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, низоми баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳои педагогӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ба кори диссертатсионӣ навовари илмӣ дар гузориши масъалаи таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада хос мебошад. Онҳо ба асоснок намудани шартҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди омӯзиши фанҳои психологию педагогӣ ва таҷрибаомӯзии педагогӣ, коркарди дидгоҳи шахсиятию фаъолмандона ба амалӣ гардонидани раванди мазкур, тавсифи модел ва нақшаи коркардшудаи идоракунии раванди ташаккули сифатҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, ки ба матлабҳои назариявӣ, санҷиши таҷрибавии натиҷаҳои ҳосилшуда такя менамояд, нигаронида шудаанд.

Мувофиқати автореферат ба мундариҷаи диссертатсия.

Автореферати Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич ба мундариҷаи диссертатсия пурра мувофиқат дорад. Дар шакли мухтасар он муҳтавои асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснок намудани мубрамият, навгонии мавзӯи таҳқиқшаванда, ахамияти назариявӣ ва амалӣ, хулосаҳои асосии таҳқиқотро фаро мегирад.

Автореферат ва маколаҳои нашршудаи муаллиф оид ба мундариҷаи диссертатсия тасаввуроти комил медиҳанд.

Аз руйи натиҷаҳои баррасии диссертатсияи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» чунин хулоса қабул гардид:

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дорои арзиши назаррас буда, дастгоҳи методӣ ва мафҳумии диссертатсия оид ба мавқеи возеҳу дақиқи диссертант дар гузориши масъала ва роҳу воситаи ҳалли он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи боэътимодии илмии он гувоҳӣ медиҳад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти Мамадҷонов С.Ҳ. дар сатҳи кофии илмию

назариявӣ ва илмию амалӣ иҷро гардида, он ба коркард ва такмили назария ва амалияи ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олӣ саҳми назаррас мегузорад.

Маълумоте, ки ба даст омадаанд, масъалаҳои назария ва методикаи ташаккули қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ такмил медиҳанд.

Ғояҳо ва матлабҳои пешбар, ки пойгоҳи илмию назариявии таҳқиқотро фароҳам оварда, дар рафти он ифода ёфтаанд, асосҳои назариявии ташаккули қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро мукаммал ва мушаххас менамоянд.

Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, муаллиф онро мустақилона, дар сатҳи кофии илмӣ иҷро намудааст. Кор бо забони адабӣ, босаводона таълиф гардида, услуби баён исботкунанда аст. Аз рӯйи хар як боб ва кор дар маҷмуъ, хулосаҳо баён шудаанд.

Кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ», ки аз чониби Мамадҷонов С.Ҳ. иҷро гардида, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, кори анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба шифри ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагока ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат дорад.

Аз руйи мубрамият, навгонии илмӣ, ҳаҷми таҳқиқоти анҷомёфта ва аҳамияти амалии натиҷаҳо диссертатсияи барои дифоъ пешниҳодшудаи Мамадҷонов С.Ҳ. дар мавзӯи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» ба талаботи пешбининамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Диссертатсия дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштирок ва баромади унвончӯ Мамадҷонов С.Х. баррасӣ ва муҳокима гардида, бо тарафдории аксарияти иштирокчиён тақризи мазкур тасдиқ карда шуд.

Тақриз аз тарафи ташхисгар, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Юнусова Н.М. омода карда шудааст.

(Қарори ҷаласаи кафедра № 4 аз 12 ноябри соли 2020).

Роҳбари семинари илмӣ-назариявӣ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шарипов Ф.Ф.

Ташхисгар:
доктори илмҳои педагогӣ,профессор Юнусова Н.М.

Котиби семинари
илмӣ-назариявии кафедра Шодиева Ш.М.

12.11.2020 с.

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: 900021028. E-mail: faridun61@mail.ru

Имзоҳои Ф.Ф. Шарипов, Н.М. Юнусова ва Ш.М. Шодиева - ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавкиев Э.Ш.
12.11.2020 с.